**«Т А С Д И Қ  М Е К У Н А М»**
**Директори Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**н.и.с. Маҳмадбекзода М.Ш.**
**«24» 01 2024**

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи "Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.12 - иқтисодиёти меҳнат.

1.**Мубрамият ва зарурати тадқиқот.** Асоси фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун эҷод ва паҳн кардани инноватсия маҷмӯи донишҳое мебошад, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои инсон истифода мешаванд. Онҳо аз шахсият ҷудонашавандаанд, ки имкон медиҳад, ки онҳоро ҳамчун сармояи инсонӣ ҳисоб кунем. Агарчӣ назарияи сармояи инсонӣ таърихи на он қадар дуру дароз дорад, вале бо таваҷҷуҳ ба мубрамияти он дар шароити кунунӣ ботадриҷ дар тамоми зинаҳои идоракунӣ аҳамияти бузург касб менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таваҷҷуҳ ба масоили сармояи инсонӣ тарафт бештар мешавад. Хусусияти иқтисодиёти муосир сармоягузориро ба сармояи инсонӣ чун омили муҳимми таъмини рақобатпазирӣ дар муҳити дохилӣ ва хориҷӣ, шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳ ва сифати зист ва рушди иқтисодиёти навоварона тақозо менамояд.

Дар шароити феълии Ҷумҳурии Тоҷикистон инкишофи сармояи инсонӣ бештар бо масоили ташаккули муҳити ниҳодии мусоид, рушди бозори хизматрасониҳои таълимӣ, танзими равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ ва баланд бардоштани идоракунии давлатии низоми такрористеҳсолкунии захираҳои меҳнатӣ алоқаманд мебошад. Ҳаллу фасли оқилонаи мушкилоти зикршуда метавонад самаранокии низоми

такрористеҳсолкунии сармояи инсониро ба таври қобили таваҷҷуҳ боло бардорад. Аҳамият ва мубрамияти мавзуи кори диссертатсионии Одинаев Аслам Мадгиёевчиро мавридҳои дар боло зикршуда асоснок менамояд.

**2. Дараҷаи асоснок ва саҳеҳ будани натоиҷи илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд** бо омузиш амиқ ва асоснок намудани муқаррароти назариявию методологӣ, ки барои таҳқиқ аҳамияти калон доранд, истифодаи усулҳои мухталифи илмии тадқиқот, ки ба вазифаҳои гузошташуда мувофиқанд, ва таҳлили микдори зиёди иттилооти дорои характери илмию амалӣ собит мешавад. Пойгоҳи иттилоотии тадқиқот хеле васеъ буда, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маводи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ, маълумот аз Вазорати маориф ва илми кишвар, Вазорати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату кумитаҳои дахлдорро фаро мегирад.

Дар кори диссертатсионии мазкур шумораи зиёди мақолаву монографияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба асосҳои назариявӣ, методологӣ ва воситаҳои амалии танзими ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ таҳлил карда шудааст, дар асоси он, муаллиф, нуқтаи назари худро дар шакли хулосаҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

Ғояи асосии кори диссерататсионӣ, фарзия, навоварӣ ва нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванджа дар асоси муқаррароти бунёдии назарияи иқтисодӣ, назария ва методологияи иқтисодиёти меҳнат ва иқтисодиёти иинноватсионӣ асос ёфтаанд. Ба сифати заминаи методологӣ усулҳои асосии илмӣ, аз қабили: усули системавӣ, таърихӣ, оморӣ, риёзӣ, идуксия, дедуксия, қиёсӣ, монографӣ, синтез ва ғайра истифода шуданд. Маҷмӯи васеи усулҳои истифодашуда ба муаллифи тадқиқот имкон додаанд, ки ки сатҳи баланди эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои амалии татдқиқоти илмии ӯ таъмин карда шавад.

**3. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатияи Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи "Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (*дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон*) ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси кормандони илмии (илмҳои иқтисодӣ) КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мутобиқ мебошад: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 8. Масоили сифати нерӯйи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии аҳолӣ; ҳаракати кормандон; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4.**Эътимоднокии навгониҳои илмии диссертатсия ва натоиҷи ба дастомада.** Навгонии илмии таҳқиқот А.М. Одинаевро асоснок намудани муқаррароти назариявии такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати омода намудани кадрҳои дорои тавонмандиҳои инноватсионӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Дар диссертатсия як қатор мқаррароти нави дорои аҳамияти илдмиву амалӣ пешниҳодл шудаанд, ки, ба андешаи мо, муҳиматринашон инҳо мебошанд:

- паҳлуҳои мухталифи назариявии омузиш, хусусиятҳо ва мазмуну муҳтавои мафҳуми "сармояи инсонӣ" тадқиқ шудааст, ки дар асоси он муаллиф мавқеи худро нисбат ба мафҳуми такрористеҳсоли сармояи инсонӣ мушаххас менамояд (саҳ. 16-36). Ҳамин тавр, ба андешаи муаллиф натиҷаи инкишофи сифатӣ ва микдории захираҳои меҳнатии кишвар бо таваҷҷуҳ ба таъсири омилҳои табиӣ, минтақавӣ (ҷуғрофӣ), таърихӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо таваҷҷуҳ ба сиёсати ҳадафмандонаи давлат дар ин раванд, дараҷаи рушди сармояи инсонии миллӣ ва мувофиқати он ба талаботҳои иқтисодиёти инноватсиониро инъикос менамояд;

- дар асоси ҷамъбандии мавқеи олимони варзидаи хориҷиву ватанӣ муаллиф таърифи шахсии худро дар бораи мафҳуми сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба ҷойгоҳи калидии унсури таркибии он - тавонмандии инноватсионӣ - пешниҳод намудааст, ки аз дигар унсурҳои таркибии он (маълумот, саломатӣ, ахлоқ, сахткушӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳаракатпазирӣ ва ғ.) таъсирпазир мебошад ва ба зарурати сармоягузориҳои ҳадафманд ҷиҳати бештар намудани ин таъсир таъкид мекунад. Яъне, ба андешаи муаллиф, табиати иқтисодии сармояи инсонӣ сармоягузории ҳадафмандонаро ҷиҳати такомули он пайвста тақозо менамояд (саҳ. 36-54);

- дар кори диссерататсионӣ ба асосҳои методии ташаккули муҳити институтсионалии рушди сармояи инсонӣ аҳамияти зиёд дода шудааст. Муаллиф нақши давлатро ҳамчун пайвандгари бунёдии кушишҳои дастаҷамъонаи иштирокчиёни равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар раванди омода намудани кадрҳои соҳибтахассус махсус таъкид намуда эҷоди системаи ҳавасмандгардонӣ барои таъмини фаъолияти босамари инноватсионии онҳоро асоси ташкили муҳити мусоиди институтсионалии рушди сармояи инсонӣ қаламдод менамояд (саҳ.54-64);

- таъсири муҳити институтситсионалии рушди системаи таҳсилоти олии касбӣ ва танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба раванди

такрористеҳсолкунии сармояи иноснӣ тадқиқ шудааст, ки сабаб ва натиҷаи татбиқи сиёсати рушди иқтисодиёти навоваронаро дар Ҷумҳурӣ бо назардошти муаммоҳо ва мавонеъи мавҷуд дар ин самт, шарҳ медиҳанд. Дар робита ба ин тамоюли омода намудани кадрҳо бидуни ба назар гирифтани талаботҳои воқеии бозори меҳнат ва наандешидани чораҳои муассир ҷиҳати боздоштани "фирори мағзҳо" ба сифати омили муҳимми боздорандаи рушди фаъолияти инноватсионӣ дар кишвар таъриф шудааст (саҳ. 65-95);

- роҳҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар заминаи беҳтар намудани ҳамкории давлат ва системаи маориф бо таваҷҷуҳ ба такмили низоми алоқамандии таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат ҷиҳати дар амал татбиқ намудани моделҳои омузишии тақвияти тафаккури инноватсионии муҳассилин муайян карда шуданд. Дар ин замина амсилаи муҳосибаи омилҳои муассир ба арзиши сармояи инсонӣ дар сатҳи ширкатҳои ватанӣ кор карда баромада шудааст, ки ба назар гирифтани натоиҷи он ҷиҳати таъмини рушди мутавозини низоми таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат мусоидат менамояд (саҳ.95-115);

- низоми чорабиниҳои танзими давлатӣ, ки ба истифодаи самараноки сиёсати танзими муҳоҷирати меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба коҳиши раванди "фирори мағзҳо", истифодаи бештар аз самараи синергетикии "гардиши мағзҳо" ва таъмини ҳавасмандии кадрҳои соҳибтахассус ҷиҳати пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди кишвар пешниҳод карда шудааст (саҳ. 116-161).

**5.Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия.** Аҳамияти назариявии кори диссертатсионии А.М. Одинаевро муқаррароти илмии дар бораи инкишофи назарияи сармояи инсонӣ дар шароити рушди иқтисодиёти инноватсионӣ, татбиқи он дар минтақаҳое, ки теъдоди захираҳои меҳанатиашон зиёд мебошад, муайян менамояд. Муқаррароти алоҳидаи натоиҷи тадқиқот асосҳои назариявии иқтисодиёти меҳнатро бо

таваҷҷуҳ ба коркарди моделҳои муосири омодасозии кадрҳои дорои тавонмандии инноватсионӣ пурратар менамояд.

Натиҷаҳои тадқиқоти илмиро ҳангоми коркард ва татбиқи стратегияи миллии рушди сармояи инсонӣ, танзими рушди мутавозини низоми таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат, танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва амсоли он метавон истифода бурд. Натиҷаҳои тадқиқотро инчунин ҳангоми хондани курсҳои «Назарияи сармояи инсонӣ», «Иқтисоди меҳнат» ва «Идоракунии захираҳои меҳнатӣ», “Иқтисодиёти навоварона” истифода бурдан мумкин аст.

6. **Мундариҷа ва сохтори диссертатсияи** Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи "Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (*дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон*) ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқоти анҷомшуда мувофиқ аст. Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 184 саҳифа оварда шуда 20 ҷадвал ва 12 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 180 номгӯй иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзӯи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет муайян гардидаанд, ҳамчунин маълумот оид ба асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудаанд.

Дар боби аввали диссертатсия - **«Ҷанбаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ»** асосҳои консептуалии ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ тавсиф шуда, принсипҳо ва

механизмҳои асосии ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити мазкур тадқиқ шудаанд, инчунин, омилҳои муассир ба рушди институтҳои ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ шарҳ дода шудаанд. Ба андешаи муаллиф, такомули сармояи инсонӣ ҳамон вақт ба мақсад ва ҳадафҳои стратегияи рушди миллӣ мувофиқат менамояд, ки тавонмандиҳои инноватсионии он бо таваҷҷуҳ ба мавҷудияти захираи табиии минтақа инкишоф ёбад. Яъне тавонмандиҳои инноватсионии сармояи инсонӣ барои аз худ кардан, коркард ва то ба марҳиллаи маҳсулоти ниҳоӣ расонидани захираҳои табиии мавҷуд мусоидат намояд. Дар акси ҳол нерӯи мутахассис ва дорои тавонмандиҳои инноватсионӣ ба раванди "фирори мағзҳо" фаро гирифта мешаванд ва амалан манфиаташон ба рушди инноватсионии кишвар таъсири камранге касб менамояд.

Дар боби дуюм - «**Вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» тамоюли рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақши муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушди сармояи инсонӣ баррасӣ гардидааст ва дар асоси амсилаи риёзӣ таҳлили институтсионалии омилҳои ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон анҷом дода шудааст. Ба ақидаи муаллифи диссертатсия, барои Тоҷикистон фаҳмиши нави муқаррароти методологии назарияи муҳоҷират ҳаётан муҳим аст. Сиёсати давлатии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ бояд ба назар бигирад, ки дар оянда дар робита ба бунёди корхонаҳои нави саноатӣ, эҳёи як қатор корхонаҳои саноатӣ дар заминаи нави техникӣ-технологӣ, афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ, талаботи иқтисоди миллӣ ба захираҳои меҳнатӣ меафзояд. Ҳама гуна қарорҳо дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии берунӣ дар ҳамаи сатҳҳои низоми давлатӣ бояд ба манфиати фароҳам овардани заминаҳои ҳифз ва баланд бардоштани сармояи инсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шаванд. Дар ин замина нақши бозори меҳнати дохилӣ бо

таваҷҷуҳ ба фаъол намудани корхонаҳои кишвар ҷиҳати ҷазб ва нигоҳдории кадрҳои баландихтисос хеле муҳим мебошад.

Дар боби сеюм - **«Самтҳои рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** амсилаи консептуалии ташаккулёбии арзиши стратегии сармояи инсонӣ коркарда баромада шуда, рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили ҳамкории мутақобилаи давлат, бозори меҳнат ва низоми маориф тадқиқ ва усулҳои танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба коҳиш додани ҷараёни "фирори мағзҳо" баррасӣ гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ раванди дар амал татбиқ намудани чорабиниҳои муассир бо истифода аз абзорҳои гуногуни мактаби институтсионалии идоракунии ҷараёнҳои иқтисодию иҷтимоӣ мебошад, ки заминаҳои асосии онро муқаррароти равиши системавии бозтавлид ва истифодабарии самараноки сармояи инсонии миллӣ ташкил медиҳад. Самаранокии татбиқи усулҳо ва механизмҳои пешниҳодшуда, дар маҷмуъ, муҳити нави инстиутсионалии бозтавлид ва истифодабарии самараноки сармояи инсониро ба вуҷуд меорад, ки он ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодӣ миллӣ дар давраи дарозмуддат ба таври муассир мусоидат хоҳад кард.

Дар **хулоса** пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати дар амал татбиқ намудани роҳу усулҳои такмили механизми идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ оварда шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсия дар асоси талаботҳои «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ ва монографияҳои тақризшаванда» омода гардида, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ,

мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертасия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифта, асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

Таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ аз он нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошад, ки дар шароити имрӯза барои татбиқи ҳадафҳои стартегии кишвар нигаронида шудааст.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб**

1. Доираи масъалаҳое, ки ҳаллу фасли онҳо чун ҳадафи асосии диссератсия муайян шуданд, хеле васеъ ва гуногунпаҳлу мебошанд. Албатта, ҳаллу фасли ҳамаи онҳо ғайримкон аст. Аз ҷумла, натиҷаҳои бевоситаи фаъолияти донишгоҳҳои кишвар дар самти таъмини тавонмандиҳои инноватсионии муҳассилин дар натиҷаҳои кори диссератсионӣ пурра таҷасум наёфтаанд.

2. Алоқамандии бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва бозори меҳнати кишвар дар раванди ташаккули сармояи инсонӣ ба таҳлили амиқ ва ҳаматарафа фаро гирифта нашудааст. Дар ин самт миқдори ҷадвалҳо ва маълумотҳои оморие, ки дар диссертатсия оварда шудааст, кифоя намебошад.

3.Агар амсилаи консептуалии ташаккулёбии арзиши стратегии сармояи инсонӣ дар асоси маълумотҳои якчанд корхонаҳои кишвар ба таври муқоисавӣ тартиб дода мешуд (муҳосиба мешуд) ба мақсад мувофиқтар мебуд.

4.Дар кори диссертатсионӣ интишороти илмии кормандони Муассисаи давлатии **«Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»**-

и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ истифода нашудаанд.

5. Дар диссертатсия иштибоҳоти имлой ва услубӣ зиёд вомехӯранд.

Аммо эродҳои зикршуда баҳои умумии кори анҷомшударо коста намегардонанд, онҳо бештар характери тавсиявӣ доранд ва ҷиҳати тадқиқотҳои ояндаи муаллиф дар ин самт метавонанд ба инбат гирифта шаванд.

Аз рӯи маводи диссертатсия 10 кори илмӣ, аз он ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст. Интишороти муаллиф мазмун ва муҳтавои тадқиқоти диссертатсиониро таҷассум менамояд.

## 8.Хулосаи умумӣ

Диссертатсияи Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи "Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (*дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон*), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтсиодӣ аз руи ихтисоси 08.00.12 - иқтисодиёти меҳнат, пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф ба ҳадафҳое, ки дар назди худ гузоштааст, комилан ноил гардидааст.

Натиҷаҳои илмӣ ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда аз саҳми шахсии муаллифи тадқиқоти диссертационӣ дар илм шаҳодат медиханд. Тавсияҳое, ки муаллиф барои ҳалли муаммоҳои мавҷуд дар соҳаи тадқиқоти худ пешниҳод менамояд, асоснок буда, сифатан аз тавсия ва пешниҳодои олимони дигар фарқ мекунанд. Муаллифи диссертатсия Одинаев Аслам Мадгиёевич сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - иқтисодиёти меҳнат, мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи Шурои илмии Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» аз санаи 24-уми январи соли 2024 протоколи №1 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

**Раиси ҷаласа:**
Директори МД
«Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ», н.и.с. Маҳмадбекзода М.Ш.

**Ташхисгар:**
н.и.и., мудири шуъбаи бозори меҳнат ва шуғли аҳолии МД "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" Васиев Ф.М.

**Котиби ҷаласа:**
Котиби илмии МД "Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" Ҳамдамова Н.У.

Имзои Маҳмадбекзода М.Ш., Васиев Ф.М., Ҳамдамова Н.У.– ро тасдиқ мекунам:

Мудири шӯъбаи кадрҳои
МД «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и
Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон С.Ш. Султонбекова

Суроғаи пажуҳишгоҳ: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад 71,e-mail: nii-truda@mail.ru
тел: (+992) 907839645